ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# Модули 1

# Низоми таълими салоҳиятнокӣ

(Дастур барои омӯзгор)

Душанбе – 2016

Дастури мазкур ба сифати маводи таълимию методии курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ доир ба татбиқи низоми таълими салоҳиятнокӣ дар доираи стандартҳои фаннӣ аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чаҳорчӯбаи Лоиҳаи шарикии глобалии таҳсилот, марҳилаи чорум таҳия гаштааст.

Бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илм аз 28 апрели соли 2016 таҳти № 6/37 тасдиқ шудааст.

**Мураттибон:** Ниёзов Ф., Зиёев М., Алиев А., Нусратов Б., Ҷонмирзоев Э., Қодиров Н., Иргашева М., Зиёев Қ.

Низоми таълими салоҳиятнокӣ, Душанбе - 2016 с.– 36 саҳ.

**Зери назари** Назирӣ Л. Қ. – муовини вазири маориф ва илм, номзади илмҳои педагогӣ

**Муҳаррирон:**

Кабиров Н. – директори ФДҶТИБКСМ дар шаҳри Душанбе.

Собиров С. – сардори раёсати корҳои таълимӣ-методии ДҶТИБКСМ.

**Муқарризон:**

Исрофилниё Ш. Р. –доктори илмҳои филологӣ;

Абдуллоев И. – дотсенти кафедраи таҳсилоти томактабӣ, ибтидоӣ ва миёнаи умумии ДҶТИБКСМ;

Зоолишоева Б. – мудири кафедраи методикаи таълими фан дар муассисаҳои томактабӣ ва ибтидоии ФДҶТИБКСМ, номзади илмҳои педагогӣ;

Раҳимов И. – мутахассиси раёсати таълимӣ-методии ДҶТИБКСМ.

Мундарича

Сарсухан ..... 4

I. Гузариш ба низоми таълими салоҳиятнокӣ ..... 5

1.1. Сабаби ворид намудани тағйирот ба низоми таҳсилот ..... 5

1.2. Низоми таълими салоҳиятнокӣ: моҳият, дастовард ва норасоиҳо ..... 9

1.3. Хусусиятҳои фарққунанда дар таълими салоҳиятнокӣ ..... 11

1.4. Ҷадвали муқоисавии низоми таълими анъанавӣ ва таълими салоҳиятнокӣ ..... 12

II. Назарияҳое, ки барои ташаккули салоҳиятнокии хонандагон мусоидат мекунанд.. 14

2.1. Таълим чӣ гуна сурат мегирад? ..... 14

2.1.1. Таълими хонандамеҳвар ё таълиме, ки ба ташаккули шахсияти хонанда нигаронида шудааст ..... 15

2.1.2. Минтақаҳои актуалӣ ва наздиктарини инкишоф ..... 17

2.1.3. Назарияи гуногунии зеҳн ..... 19

2.1.4. Таксономияи қобилиятҳои маърифатӣ ва таълими салоҳиятнокӣ ..... 24

Адабиёт ..... 35

# Сарсухан

Ҳамкасбони мӯҳтарам!

Дар шароити имрӯза тағйир додани низоми таҳсилот ва ба талаботи рӯз мутобиқ намудани он амри воқеист. Доштани дониш оид ба соҳаҳои гуногуни илм барои маълумотнок гаштан кифоя набуда, татбиқи амалии донишҳо, истифодаи технологияҳои муосир ва эҷодкорӣ муҳим аст, ки ба ба баланд шудани некуаҳволии мардум ва пешрафти ҷомеа мусоидат менамояд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои зиёдеро барои самаранок гардондани раванди таълим андешида истодааст. Яке аз тадбирҳои басо муҳим гузариш ба низоми нави таълим – низоми таълими салоҳиятнокӣ мебошад. Ба мақсади таъмин намудани шароити мувофиқ барои гузариши самаранок Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи Барномаи ҳамкории глобалӣ дар соҳаи маориф (ГПО–4) силсилаи модулҳои таълимиро таҳия намуда, омӯзгоронро тавассути курсҳои такмили ихтисос ба татбиқи низоми нави таълим омода мекунад. Модули мазкур яке аз ин силсиламодулҳо буда, ба мақсади муайян намудани зарурати гузариш ба низоми нав, баррасии принсип ва назарияҳои заминавии низоми таълими салоҳиятнокӣ пешниҳод мегардад.

Тавассути хониши мустақилона ё машғулиятҳои курси такмили ихтисос ба натиҷаҳои зерин ноил шудан мумкин аст:

- шарҳ дода тавонистани низоми таълими анъанавӣ ва зарурати тағйир додани он;
- муқоиса намудани низоми таълими анъанавӣ бо низоми таълими салоҳиятнокӣ;
- донистан ва шарҳ додани мафҳуми салоҳият;
- шарҳ дода тавонистани назарияҳои асосие, ки ба низоми таълими салоҳиятнокӣ замина мегузорад;
- аз бар намудани принсипҳои таълими хонандамеҳвар;
- шарҳ дода тавонистани назарияи минтақаҳои рушди Виготский ва моҳияти он;
- шарҳ дода тавонистани назарияи гуногунии зеҳн ва таъсири он ба раванд ва натиҷаҳои таълим;
- шарҳ дода тавонистани таксономияи қобилиятҳои маърифатӣ;
- таҳия намудани саволу супоришҳомувофиқи зинаҳои таксономияи қобилиятҳои маърифатӣ.

Ҳамкасбони мухтарам, муваффақият дар кор, ободии рӯзгори Шумо таманнои ҳамешагии мост!

# I. Гузариш ба низоми таълими салоҳиятнокӣ

## 1.1. Сабаби ворид намудани тағйирот ба низоми таҳсилот

Дар доираи мавзӯи мазкур мо кӯшиш менамоем, ки ба саволҳои зерин ҷавоб ёбем:

1) Ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кадом низоми таълим татбиқ мегардад ва он ба чӣ асос меёбад?
2) Чаро низоми таълими кунунӣ/анъанавӣ бояд тағйир дода шавад?

Барои ба саволи аввал ҷавоб гардондан бояд таърихи инкишофи педагогикаро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон донем. Таърихи инкишофи илми педагогикаи муосир дар ҷумҳурии мо давրони шуравӣ алоқаи хеле зич дорад. Барои ин таҳқиқи инкишофи илми педагогикаи шуравӣ, ки заминаи асосии назариявӣ ва амалии низоми таълими кунуниро ташкил медиҳад, мувофиқи мақсад аст (Дар ин ҷо марҳалаҳои инкишофи таҳсилоти давраҳои пештар мавриди баррасӣ қарор намегиранд. Шумо метавонед оид ба давраҳои гуногуни инкишофи таълим аз китоби устод М. Лутфуллоев. Асосҳои таълими ибтидоии забони модарӣ. -Душанбе, 2007. Боби 3. Саҳ. 48-88 ахбори заруриро мутолиа кунед.).

Низоми кунунӣ ё анъанавии таълим аз назарияи таълими Я.А. Коменский, сарчашма мегирад. Низоми мазкур аз ҷиҳати ташкили раванди таълим низоми **синфӣ-дарсӣ** буда, мазмуну мундариҷа тавассути методҳои **шарҳӣ-аёнӣ** амалӣ карда мешавад. Назарияи мазкур ҳанӯз дар асри XVII дар асоси принсипҳои дидактика ташаккул ёфтааст.

Низоми **синфӣ-дарсӣ** чунин хусусиятҳои ба худ хос дорад[1]:

- синф аз хонандагони синну сол ва омодагии яххела иборат буда, дар тамоми раванди таҳсилоти мактабӣ дар ҳамин ҳайат боқӣ мемонад;
- ҳайати синф дар асоси як нақшаи солона ва барномаи таълим мувофиқи ҷадвали дарсҳо таълим дода мешавад. Хонандагон бояд дар як вақти муайян, фасли муайян ба муассисаи таълимӣ ҳозир шаванд;
- дарс воҳиди асосии таълим ба шумор меравад;
- дарс ба як фан, мавзӯъ бахшида шуда, тамоми хонандагони синф аз рӯйи як мавод кор мекунанд;
- фаъолияти хонандагонро дар раванди дарс омӯзгор идора мекунад: ӯ натиҷаҳои таълими фанни худро арзёбӣ карда, дараҷаи азхудкунии ҳар як хонандаро дар алоҳидагӣ санҷида, дар охири соли таълим оид ба гузаронидан ё нагузаронидани хонанда ба синфи оянда қарор қабул мекунад;
- китобҳои дарсӣ асосан барои вазифаи хонагӣ истифода мешаванд. Соли таҳсил, рӯзи дарсӣ, ҷадвали дарсҳо, таътил, танаффуси байни дарсҳо нишондиҳандаҳои низоми **синфӣ-дарсӣ** мебошанд.

---

[1] http://www.ido.rudn.ru/psychology/pedagogical_psychology/8.html. Педагогическая психология. Тема 8. Психологические основы типов обучения. 8.1. Традиционное обучение: сущность, достоинство и недостатки.

Чуноне ки дар боло қайд шуд, дар низоми **синфӣ-дарсӣ** асосан методҳо **шарҳӣ-аёнӣ** истифода мешавад. Чунин тарзи таълим имконият медиҳад, ки дар вақти кӯтоҳ миқдори зиёди ахбор интиқол дода шавад.

Дар таълими **шарҳӣ-аёнӣ** омӯзгор дониш (маълумот)-ро дар шакли тайёр пешниҳод менамояд, хонандагон онро қабул ва бозгӯйӣ мекунанд. Мундариҷаи таълим дар ин навъи таълим ботартиб ва алоқанок пешниҳод карда мешавад. Фаъолияти омӯзгор асосан ба таври шифоҳӣ фаҳмонда додани мавӯъ ва истифодаи аёниятҳо равона мегардад. Ин навъи таълим ба анъана ва одат табдил ёфтааст.

Дар таълими **шарҳӣ-аёнӣ** диққати асосӣ ба инкишофи хотир равона шуда, хусусияти **тазаккурӣ** дорад. Яъне, хонанда пас аз шунидан (ё хондан)-и маълумот онро бояд **дар хотир гирад**, дертар ба **хотир орад** ва **бозгӯйи** карда тавонад. Раванд ва натиҷаи таълим ба андозаи донише, ки хонанда аз суханони омӯзгор ё китоби дарсиву дигар маводи таълим дар хотир гирифтааст, маҳдуд мегардад. Хонандагон дониши азхудкардаашонро ба таври гуногун пешниҳод мекунанд: нақл, бозгӯйӣ, нақли хаттӣ, иншо, корҳои санҷишӣ ва амсоли он.

Нақшаи 1.



Барномаҳои таълим дар низоми мазкур маводи таълимро бо тартиби мушаххас, пайиҳам пешниҳод карда, барои аз худ кардани мавзӯъҳо миқдори муайяни вақтро аниқ месозанд. Барои ҳар як фан барномаи таълими алоҳида таҳия карда мешавад ва онро ба муҳлати 5 то 10 сол истифода мебаранд. Дар асоси барномаҳои таълим китоби дарсӣ таҳия карда мешавад. Омӯзгор дар асоси барнома ва китоби дарсӣ нақшаи тақвимӣ-мавзӯӣ таҳия карда, дар асоси он раванди таълими фанро ба роҳ мемонад.

**Кадом омилҳо ин навъи таълимро устувор ва доимӣ гардондаанд?** Асосан ба таври системанок пешниҳод ва азхуд кардани дониш, тартиби пешниҳоди маводи таълим, фарогирии миқдори зиёди хонандагон ва тартиботи камхарҷи додани дониш омилҳои асосии устувории ин навъи таълим буда метавонанд.

Дар низоми мазкур фаъолияти омӯзгор назаррас аст. Ҳангоми арзёбии фаъолияти омӯзгорон, санҷишгарон ба саволҳои: Чӣ тавр омӯзгор ташкилии дарсро гузаронд? Ҳангоми пурсиши вазифаи хонагӣ чӣ қадар вақт сарф кард? Чанд хонандаро пурсид? Мавзӯи навро чӣ тавр баён кард? Мустаҳкамкуниро гузаронд ё не? Баҳоро эълон кард ё не? Инчунин ҳангоми санҷишҳо мувофиқати нақшаи тақвимӣ бо дафтари синф, дарси китоби дарсӣ ва нақшаи дарс сахт назорат карда мешавад. Аз худ накардани барномаи таълим аз тарафи хонанда маънои мавзӯъҳои таълимро нафаҳмдани ӯ аст.

Дарсҳо дар таълими **шарҳӣ-аёнӣ** мувофиқи қолабҳои мушаххас ба нақша гирифта мешаванд. Дарс марҳалаҳои гуногунро фаро гирифта, фаъолияти омӯзгору хонандагон дар он мушаххас дарҷ намешаванд.

Вазифаҳои асосии таълим дар низоми мазкур асосан, ҷудо кардан, хат кашидан, дар хотир гирифтан, нақл кардан, дар асоси намуна ҳал кардани мисолу масъалаҳо, дар асоси намуна тартиб додани ибора, ҷумла мебошад. Ҷараёни таълимиву маърифатӣ дар хонандагон услуби тазаккурӣ будани таълимро ташаккул медиҳад. Яъне, хонандагон шунидан, хондан ва бозгӯйи, ё дар асоси намунаҳо, қоидаҳо иҷро кардани мисолу масъаларо ҳамчун фаъолияти асосии маърифатӣ ҳисоб мекунанд.

*Чаро низоми таълими кунунӣ/анъанавӣ бояд тағйир дода шавад?*

Барои ба ин савол ҷавоб додан ба мо сайри дигари таърихӣ лозим мешавад. Маҳим аст, ки шароити иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии давраҳои гуногуни инкишофи ҷомеаи башарӣ дар ин давр ба ҳисоб гирифта шавад. Дар давраҳое, ки низоми синфӣ-дарсӣ ва **шарҳӣ-аёнӣ** ташаккул ёфта, ба қуллаҳои баланди худ расида буд, шароити иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангиву маърифатии одамон, арзишҳову дастовардҳои илму техника дар сатҳи дигар қарор дошт. Масалан, аксари корҳо (истеҳсолот) ба таври дастӣ сурат мегирифт, нақлиёт ва алоқа кам рушд карда буд, сарчашмаҳои ахбор хеле маҳдуд буданд (китобҳо). Зиёда аз он шахси босавод, шахсеро мешумориданд, ки ахбори зиёдро медонад.

Мо аз сарчашмаҳои гуногун (нигаред ба рӯйихати адабиёт) ақидаҳоро оид ба номувофиқатии низоми таълими мазкур ба шароити иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии муосир пешкаш менамоем:

1) Аткинсон Р. Ба ақидаи ӯ яке аз норасоии низоми мазкур дар он аст, ки диққати асосӣ ба хотира равона мешавад, на ба инкишофи тафаккур. Он ба ташаккули қобилиятҳои эҷодӣ, мустақилӣ, фаъолнокии хонандагон таъсири кам дорад. Илова бар ин миқдори ахбору маълумоти пешниҳодшаванда нисбат ба қобилият ва равандҳои азхудкунии он зиёд мебошад.

2) Вербитский А.А. якчанд номувофиқатии низоми анъанавиро ҷудо кардааст[2]: "Мундариҷа ва фаъолияти таълим ба гузашта нигаронида шудааст. Яъне, ахбор, маълумот, қоидаҳое, ки дар раванди таълим аз худ карда мешаванд, ба ҳаёти воқеӣ алоқаи ночиз доранд. Илова бар ин намуна, таҷриба ва ақидаҳои пешниҳодшаванда порчаи алоҳидаи замонро ифода мекунад. Ин боис мегардад, ки таълимгирандагон мавқеи худро дар чаҳорчӯбаи замон муайян карда наметавонанд ва мавқеи таълим паст мегардад. Ин сатҳи ҳавасмандии хонандагонро ба таълим хеле паст мегардонад. Яъне онҳо намедонанд, ки барои чӣ, кай ва дар куҷо ин ё он донишро истифода баранд. Аксари таҷриба ва намунаҳои пешниҳодшаванда тахаюлӣ буда, ба хонандагон имконияти таҳлилу баррасии проблемаҳоро фароҳам оварда наметавонанд, зеро рафтору ҳодисаҳо, қоидаву қонунҳо ба ҳаёти ҳозира мувофиқат намекунанд."

---

[2] http://www.ido.rudn.ru/psychology/pedagogical_psychology/8.html. Педагогическая психология. Тема 8. Психологические основы типов обучения. 8.1.3. Основные противоречия традиционного обучения.

3) Болотов В.А. ва Сериков В.В[3] якчанд омилро нисбат ба камнуфус шудани низоми кунунии таълим мавриди баррасӣ қарор додаанд. Ба ақидаи онҳо “... тағйирот дар соҳаҳои иҷтимоӣ, иттилоотиву технологӣ боиси пайдо шудани фарҳангу маданияти нав гашта, дар он таҳсилоте, ки танҳо ба андӯхтани дониш нигаронида шудааст самаранокӣ ва мақсаднокиашро аз даст додааст. Айни замон бо боварии том гуфтан мумкин аст, ки низоми таълимӣ ба дониш нигаронидашуда ба бӯҳрони амиқ рӯ ба рӯ шудааст. Бӯҳрони мазкур якчанд сабаб дорад. Яке аз сабабҳо ба тағйир ёфтани моҳияти дониш ва таҷрибаи ҷомеа вобастагӣ дорад: айни замон ба даст овардани ахбор соҳаи муҳими фаъолияти касбии инсон гашта, асоси ҳамагуна истеҳсолоти муосирро ташкил медиҳад. Суръати нав шудани донишҳо бо тағйир ёфтану ислоҳоти дастгоҳҳои истеҳсолӣ баробар шудааст. Маҷрои бузурги ахборро, ки то мактабро хатм кардани хонанда кӯҳна мешавад, акнун дар чаҳорчӯбаи барномаи таълим ҷо додан ғайриимкон аст. Таълим додани “маълумоти дақиқ” муҳим аст, аммо агар имконияти сариваќт иваз кардани унсурҳои он фароҳам оварда нашавад, он гоҳ мо наметавонем хонандаро ба ҳаёт омода намоем... Сабаби дигари бӯҳрони низоми таълими ба дониш нигаронидашуда дар он аст, ки зарурати пур кардани хотираи кӯдакон бо ахбори барзиёд аз байн рафтааст, зеро маъхазҳои дигари нигоҳ доштани ахбор мавҷуданд. Ба хонандагон бояд тарзи истифодаи ин маъхазҳо омӯзонда шавад.”

Яке аз сабабҳои асосии тағйири низоми таълим (мундариҷа ва раванди таълим) талабот ва нақшаҳои Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 мебошад. Тибқи он: “Низоми нави маориф, ки мутобиқи тамоюлоти ҷаҳони муосир на ба дониш, балки ба салоҳиятнокӣ асос ёфтааст, бояд ба хонандагон имконияти азхуд намудани салоҳияту малакаҳои асосии иҷтимоиро, ба монанди қабули масъулиятнокии қарорҳо ва банақшагирии пешравӣ дар касбомӯзӣ, илмомӯзӣ дар давоми тамоми ҳаёт, салоҳияти алоқадорӣ, тайёрии касбии дар бозори меҳнат талаботдошта, донишу малакаи барои худтакмилдиҳӣ зарур, малакаи тарзи ҳаёти солим, арзишҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, таъмин намояд.”[4]

Стратегияи миллии рушди маориф самтҳои тағйироти низоми таълимро мушаххас карда, гузаришро аз низоми кунунӣ (ба дониш асосёфта) ба низоми таълими салоҳиятнокӣ ба нақша гирифтааст. Қарори мазкур дар асоси таҳқиқоту мушоҳидаҳои назариявию амалӣ бароварда шудааст.

Хулоса:
Низоми таълими **ба дониш асосёфта** ба талаботи соҳаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, иттилоотӣ ва маърифатии ҷомеаи муосир мувофиқат намекунад. Сабабҳои номувофиқатии ин низом аз ҷониби олимони соҳа ва сарчашмаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ шарҳ дода шудаанд. Гузариш ба низоми нав боиси ба ҳаёт ва талаботи муосири соҳаҳои гуногун наздик шудани мундариҷаи таҳсилот мегардад.

---

[3] Болотов В.А., Сериков В.В. Компетентностная модель: от идеи к образовательной программе // Педагогика. – 2003. – № 10. – С. 8-14.
[4] Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020. Душанбе, 2012.

### 1.2. Низоми таълими салоҳиятнокӣ: моҳият, дастовард ва норасоиҳо

Пеш аз баррасии низоми таълими салоҳиятнокӣ мехоҳем, маънии мафҳумҳои “салоҳият” ва “салоҳиятнокӣ” – ро таҳқиқ кунем.

Мафҳумҳои “салоҳият” ва “салоҳиятнокӣ”-ро мутахассисон барои ифодаи мафҳумҳои *компетенция* ва *компетентность*, ки аз забони лотинӣ (competens, competentis) ба забони русӣ иқтибос шудаанд, истифода мебаранд.

Мафҳуми салоҳият дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ – лоиқ будан, сазовор будан; шоистагӣ, сазоворӣ тафсир дода шудааст.

Чун дар ин фасл ва фаслҳои минбаъдаи маводи мазкур мафҳумҳои “салоҳият” ва “салоҳиятнокӣ” ба мақсади ифодаи истилоҳи соҳаи маориф истифода мешавад, тасмим гирифтем, ки танҳо маъно ва тафсири ба ҳамин соҳа дахлдори ин мафҳумҳоро баррасӣ кунем.

Аз ин лиҳоз, тафсири мафҳумҳои мазкурро аз якчанд сарчашмаҳои илмӣ барои баррасӣ пешниҳод мекунем. Ин ба мо имконият медиҳад, ки якҷоя матлабро таҳқиқ карда, барои худ хулосаи зарурӣ барорем.

Дар Луғати истилоҳоти Хазинаи аврупоии таҳсилот[5] мафҳуми салоҳият (компетенсия) чунин шарҳ дода шудааст[6]:

1. Қобилияти ягон корро (амалро) хуб ва самаранок иҷро кардан.
2. Ба талаботи вазифавӣ (касбӣ) мутобиқ будан.
3. Қобилияти иҷрои вазифаҳои махсуси меҳнатӣ.

Дар стандартҳои фаннии зинаи таҳсилоти ибтидоӣ мафҳуми “салоҳият” чунин шарҳ дода шудааст:

**Салоҳият –** маҷмӯи дониш, малака ва маҳоратҳои ба ҳам пайванде, ки ба ҳалли масъалаҳои мушаххаси ҳаётӣ (иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ) ва маърифатӣ равона карда мешаванд.

Дар баъзе адабиёти илмӣ мафҳумҳои салоҳият, қобилият, малака ва маҳорат баробар истифода мешавад.

Дар асоси тафсири боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки шахси салоҳиятнок амалеро хуб, қобилона ва боэътимодона иҷро карда метавонад.

Низоми таълими салоҳиятнокӣ, низомест, ки дар он диққати асосӣ ба ташаккули малакаҳои амалӣ (ҳаётӣ, ҳақиқӣ, функсионалӣ) равона мешавад. Низоми таълими салоҳиятнокӣ ба саволҳои: “Хонанда чӣ кор карда метавонад?” “Хонанда кадом амалҳоро иҷро карда метавонад?”Донистан ё дониш дар низоми таълими салоҳиятнокӣ ҷузъи таркибии малака ҳисоб шуда, барои санҷидан, муқоиса кардан ба намуна, ислоҳи ғалатҳо истифода бурда мешавад.

---

[5] Глоссарий терминов рынка труда, разработки стандартов образовательных программ и учебных планов. Европейский фонд образования. ЕФО, 1997

[6] Зимняя И.А. Ключевые компетентности как результативно-целевая основа компетентностного подхода в образовании. Авторская версия.-М.: Исследовательский центр проблем качества подготовки специалистов, 2004

Бояд қайд кард, ки “салоҳият”-ро таълим намедиҳанд, салоҳият дар натиҷаи азхуд кардани дониш, малака ва маҳоратҳо ташаккул меёбад”. Салоҳият натиҷаи амалии дониш, малака ва маҳорат аст. Ҷадвали муқоисавии натиҷаҳои таълим

| **Низоми таълими ба дониш асосёфта** | **Низоми таълими салоҳиятнокӣ** |
|---|---|
| Хонанда таърифи исм, сифат, феъл ва ғайраро медонад.<br>Хонанда аз матн (ҷумла) калимаҳои ифодакунандаи исм, сифат, феъл ва ғайраро муайян карда метавонад.<br>Хонанда калимаҳоро аз рӯйи хусусияташон (ҳиссаи нутқ) ба гурӯҳҳо ҷудо карда метавонад.<br>Бо исмҳо ҷумла сохта метавонад.<br>Исми хос аз ҷинсро фарқ мекунад.<br>Сифатро аз феъл фарқ мекунад.<br>Ҷумлаи содаро аз ҷумлаи мураккаб фарқ мекунад. | Барои баёни мақсадҳои гуногун мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хатии ҳаҷман калонтари сохторашон гуногун (ҳикоя, афсона, табрикнома, мактуб, эълон, дастурамал) эҷод мекунад. |
| Матнро равону бурро ва бо овози баланд мехонад.<br>Шеърро бурро ва ифоданок мехонад.<br>Мазмуни матни хондаашро нақл мекунад.<br>Дар як дақиқа ... калима мехонад.<br>Ба саволҳои матн ҷавоб гуфта метавонад. | Қоидаҳои хондан (риояи задаи мантиқӣ, пайдарпайии калимаҳо)-ро медонад ва риоя мекунад.<br><br>Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои ношиносро мехонад.<br>Мазмуни матнҳои ношиноси миёнаҳаҷм (то 300 калима), ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, фикри асосии онро муайян мекунад. |
| Дар бораи фасли баҳор нақл мекунад.<br>Доир ба мавзӯъҳои модар, Наврӯз ва ғайра нақл мекунад.<br>Аз рӯйи расм ҳикоя мекунад.<br><br>Дар мавзӯи ... муколама тартиб медиҳад. | Ахбори шунидаро дар шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ ( саволу ҷавоб, муҳокимаҳои умумӣ, нақли муфассал, мухтасар ва интихобӣ) ва хаттӣ (имло, навиштани пайдарпайии воқеаҳои шунида, нақли хаттӣ, навиштани хулоса) истифода мебарад.<br>Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро, ки ба синну сол мувофиқ аст муайян карда, муносибати худро баён менамояд.<br>Гуфтан<br>Дар вазъиятҳои гуногун (мактаб, ...) қоидаҳои маъмули сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад ва аҳамияти риоя кардани ин қоидаҳоро шарҳ дода, дигаронро ба риояи онҳо даъват м екунад.;<br>Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро вобаста ба хусусиятҳои синнусолӣ истифода мебарад. |

Чуноне аз ҷадвал маълум мегардад, унсурҳои таълими салоҳиятнокӣ, махсусан зинаи дониш (донистан) дар низоми таълими кунунӣ (ба дониш асосёфта) вуҷуд доранд. Фарқ дар он аст, ки дар низоми таълими салоҳиятнокӣ дониш, малака ва маҳорат тавъам нишон дода мешаванд. Яъне, дар шакли ниҳоӣ ва амалии дониш малака ва маҳорат (салоҳиятҳо) таҷассум меёбанд. Ҳарчанд дар низоми таълими ба дониш асосёфта, тартиби мантиқӣ, пайдарҳамии мавзӯъҳо дуруст пешниҳод шуда бошанд, ҳам, раванд ва натиҷаҳои таълим ба қисмҳои хурд ва дар доираи вақт маҳдуд инъикос меёбанд. Дар низоми таълими салоҳиятнокӣ қолаби ниҳоӣ (натиҷаи ниҳоӣ) дар шакли том нишон дода мешавад, ки он ҳам ҷиҳати амалии дониш, малака ва маҳорат аст.

### 1.3. Хусусиятҳои фарққунанда дар таълими салоҳиятнокӣ

Дар низоми таълими салоҳиятнокӣ муносибатҳо ва раванди таълим хусусиятҳои ба худ хос дорад. Хусусиятҳои мазкур муносибати хонандаро ба таълим, нақши омӯзгорро дар раванди таълим, муносибати омӯзгору хонандагон, хонандагону маводи таълим ва муносибат байни ҳамдигарро муайян мекунанд. Донистан ва дар амал татбиқ кардани ин хусусиятҳо ба омӯзгор имконият медиҳад, ки сатҳи азхудкунии малака ва салоҳиятҳоро баланд бардошта, ҳамзамон барои ташаккули шахси масъулиятнок, ботарбия ва маърифатнок замина гузорад.

Дар адабиёти методии низоми таълими салоҳиятнокӣ асосан даҳ хусусияти асосии раванди таълим муайян шудаанд[7]:

1. **Масъулият** – дар низоми таълими салоҳиятнокӣ хонандагон барои таълим гирифтан, рафтор ва саҳми худ дар раванди таълиму тарбия масъулият доранд. Онҳо худро ҳамчун шахси арзанда ва аъзои коллектив синф ҳис мекунанд.
2. **Имкониятҳо** – хонандагон имконият доранд, ки мақсаднок ва ба таври мушаххас хонанд, нависанд, ҳисоб кунанд ва фаъолиятҳои дигари таълимиро иҷро намоянд. Онҳо китобҳои аслиро барои шахсони воқеӣ, ҳамсинфон, падару модар, аҳли ҷомеа мехонанд. Онҳо баъзан аз китобҳои дарсӣ ё варақаҳои машқу мисолҳо истифода мебаранд.
3. **Машғулият** – хонандагон барои омӯхтан ҳавасманданд ва дар фаъолиятҳои таълимие, ки ба хондан, навиштан ва ҳисоб кардану сохтан равона шудаанд, фаъолона иштирок мекунанд. Баъзан ба хонандагон имконият дода мешавад, ки барои хондан, таҳлили китоб ва таҳияи кори лоиҳавӣ китоби бадеиро барои хондану навиштан интихоб намоянд.
4. **Муаррифӣ (намоиш додан)** – омӯзгорон малака ва стратегияҳои хондану навиштан ва дигар малакаҳоро ҳамчун намунаи натиҷаи беҳтарин намоиш медиҳанд ва хонандагон бодиққат онро мушоҳида карда, тарзи дурусти онро азхуд мекунанд.
5. **Таваккал кардан** – хонандагон барои таҳқиқи мавзӯъ, пешниҳоди ақида (фарзияҳо) ва таваккал кардан ҳавасманд гардонида мешаванд.
6. **Дастурдиҳӣ (супоришдиҳӣ, таълимдиҳӣ)** – омӯзгорон ба воситаи дарсҳои намунавӣ тартиб, малака ва стратегияҳои хондану навиштанро ба хонандагон таълим медиҳанд.

---

[7] Tompkins, Gail E. Literacy for the 21st century: a balanced approach. – 2nd ed. Prentice-Hall, Inc. USA, 2001

7. **Аксуламал** – хонандагон муносибати шахсии худро нисбат ба ҳикоя, пешгӯйӣ мекунанд, савол медиҳанд ва сатҳи фаҳмиши матнро тавассути варақаҳои таҳлилӣ баланд гардонда, дар муҳокима ва таҳлили умумии мазмуни матнҳо иштирок мекунанд. Ҳангоми навиштан дастхаташро ба ҳамгурӯҳон барои тавсия пешниҳод мекунанд ва натиҷаи корашонро ба аҳли синф муаррифӣ менамоянд.
8. **Интихоб** – хонандагон одатан дар доираи меъёрҳое, ки аз тарафи омӯзгорон муайян шудааст, барои хондан ва навиштан имконияти интихоби матн (китоб)-ро доранд. Вақте ки ба хонандагон имконияти интихоб дода мешавад, ҳаваси онҳо ба хондану навиштан ва иҷрои фаъолиятҳои дигари таълим зиёд мегардад. Онҳо таҷрибаи маърифатии бадастовардаашонро қадр мекунанд.
9. **Вақт** – ба хонандагон барои иҷрои вазифаҳои хондану навиштан вақти зиёд зарур аст. Агар раванди таълим ба фосилаҳои кӯтоҳ ҷудо карда шавад, натиҷаҳои таълим хуб намегарданд. Барои хубтар ва самаранок гардонидани раванди азхудкунии малакаҳои навиштану хондан ду то се соати таълимӣ пайиҳам дар як рӯз тавсия мешавад. Дар раванди азхудкунии малакаҳо танҳо вазифаҳои таълимӣ ва дастурдиҳӣ метавонанд истифода шаванд. Маъмурияти муассиса бояд кӯшиш кунад, ки ҷадвали дарсҳоро ба таври самаранок тартиб диҳад. Ин нуқта дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ хеле муҳим аст.
10. **Арзёбӣ** – омӯзгорону хонандагон якҷоя меъёрҳо ё нишондиҳандаҳои арзёбиро таҳия мекунанд. Ин имконият медиҳад, ки хонандагон кори худро назорат баранд ва дар раванди арзёбӣ бевосита иштирок кунанд.

### 1.4. Ҷадвали муқоисавии низоми таълими анъанавӣ ва таълими салоҳиятнокӣ

| **Унсурҳо** | **Низоми таълими анъанавӣ** | **Низоми таълими салоҳиятнокӣ** |
|---|---|---|
| Мақсадҳои таълим | Пешниҳод/аз худ кардани маҷмӯи донишҳои назариявӣ. Асосан маҷмӯи дониш, малака ва маҳорате, ки мундариҷаи таълимро ташкил медиҳад. | Диққати асосӣ ба ҷиҳати амалии дониш, малака ва маҳорат равона шуда, хонандагонро барои дар ҳаёт муваффақ шудан омода менамояд. |
| Формулаи асосии натиҷаҳои таълим | Чиро медонам? | Кадом амалро иҷро карда метавонам? |
| Хусусияти асосии раванди таълим | Тазаккурӣ | Сермаҳсулӣ |
| Омили пешбарандаи раванди таълим | Назорат | Машқи амалӣ ва корҳои мустақилона |
| Хусусиятҳои раванди арзёбӣ | Усулҳои омории арзёбии натиҷаҳои таълим | Баҳодиҳии умумии натиҷаҳои таълим (масалан, портфолиои дастовардҳои таълимии хонанда) |
| Барномаҳои таълимӣ | Тартиби муайяни азхудкунии донишҳоро фаро мегирад. Омӯзгорон имконияти тағйир | Мавзуъ ва мундариҷаи таълим барои ташаккули салоҳиятҳо ҳамчун восита |

| | | |
|---|---|---|
| | додани мавзӯъҳои барномаро надоранд. | хизмат мекунанд. Омӯзгорон имконияти иваз кардани мавзуъ ва мундариҷаро доранд. |
| Маводи таълим | Маводи асосии таълим китоби дарсӣ шинохта мешавад. | Сарчашмаҳои гуногун ҳамчун маводи таълим истифода мешавад: китобҳои дарсӣ, китобҳои бадеӣ, донишномаҳо, рӯзномаву маҷаллаҳо, маводи интернет, таҷрибаи хонанда ва ғайра. |
| Фаъолияти омӯзгор дар раванди таълим | Додани дониш дар асоси барнома ва китобҳои дарсӣ. Назорати раванди азхудкунии донишҳо. | Роҳнамоии хонандагон. Намоиш додани малака ва маҳорат. Мушоҳидаи дараҷаи азхудкунии дониш, малака ва маҳорат. Расонидани ёрӣ дар марҳалаҳои гуногуни ташаккули салоҳиятҳо. |
| Фаъолияти маърифатии хонанда | Азхуд кардани донишҳои пешниҳодшуда, бозгӯйии маълумот ва ахбори пешниҳодшуда. | Таҳқиқу таҳлили ахбору маълумоти пешниҳодшуда, иштирок дар таҳлилу баррасии масъалаҳо, иштироки фаъол, гузаронидани таҷрибаҳо ва амсоли он. |

## II. Назарияҳое, ки барои ташаккули салоҳиятнокии хонандагон мусоидат мекунанд

**2.1. Таълим чӣ гуна сурат мегирад?**

Дар низоми таълими салоҳиятнокӣ раванди ташаккули салоҳиятҳо вақт ва муносибати мураккабро талаб мекунад. Дар муқоиса бо низоми таълими ба дониш асосёфта, ки хусусияти тазаккурӣ дорад, низоми нав иҷрои амалҳои дараҷаҳои гуногуни мураккабӣ ва давомнокии мухталифро талаб мекунад.

Масалан, барои ташаккули салоҳияти *"Хонанда андеша (ақида)-ҳои худ ва дигаронро барои ифодаи мақсадҳои гуногун тавассути матнҳои ҳаҷман калони сохторашон гуногун менависад"* хонанда бояд оид ба сохтори матн (мактуб, ҳикоя, гузориш, мақола ва амсоли он), сарфу наҳви забони тоҷикӣ дониши мукаммал дошта, тарзи баёни ақидаи худро дар сохтори муайяни матн машқ кунад, мустақилона нависад, матни эҷодкардаашро арзёбӣ кунад ва таҳриру такмил диҳад. Оё ин салоҳиятро дар 1, 2 ё 10 соати дарсӣ ташаккул додан мумкин аст? Оё ин салоҳиятро ҳамаи хонандагони синф дар як вақт аз худ мекунанд?

Маҳз барои ҳамин дар низоми таълими салоҳиятнокӣ раванди таълим усул, муносибат ва воситаҳои гуногун ва мухталифро тақозо мекунад. Масалан, дар низоми таълими ба дониш асосёфта чунин раванд мувофиқ аст:

Нақшаи 2.




Яъне дониши муайян аз сарчашмаҳои аниқ (санҷидашуда, илман асоснок) тавассути омӯзгор (ё китоби дарсӣ) ба хонандагон пешниҳод карда мешавад. Роҳҳои пешниҳоди дониш гуногун буда метавонанд (вобаста ба эҷодкорӣ ва таҷрибаи омӯзгор). Хонандагон дониши (қолаби) муайянро азхуд мекунанд ва онро бозгӯйӣ мекунанд (ё дар асоси қолаби пешниҳодшуда амалеро иҷро мекунанд). Натиҷаи таълим тавассути андоза ва сифати бозгӯйӣ ё то кадом андоза ба намунаи додашуда дуруст иҷро кардани мисолу масъалаҳо арзёбӣ карда мешавад.

Дар низоми таълими салоҳиятнокӣ аввал намунаи натиҷаи таълим (малака) таҳлилу баррасӣ мешавад. Сипас ба хонандагон имконияти мустақилона (ё бо роҳнамоии омӯзгор) машқ кардани малака дода мешавад. Дар тамоми раванди омӯзиш ва машқи малака хонанда натиҷаи корашро арзёбӣ ва таҳлил мекунанд. Ғалатҳои худро муайян мекунад, сабаби содир кардани ғалатро мустақилона, бо ёрии

ҳамсинфон ё омӯзгор аниқ месозад. Корашро дар асоси нишондиҳандаҳо такмил медиҳад.

Чуноне маълум мегардад, раванди таълим дар низоми салоҳиятнокӣ мураккаб буда, вақт ва нерӯи бештарро талаб мекунад. Агар чунин муқоиса кардан раво бошад, низоми таълими салоҳиятнокиро ба таълими касбӣ, аз ҷумла дузандагӣ, рассомӣ, кандакорӣ, кулолгарӣ, ошпазӣ, сартарошӣ, меъморӣ ва ғайраҳо монанд кардан мумкин аст.

Барои татбиқи низоми мазкур омӯзгорон бояд якчанд назарияҳои асосии таълимоти муосирро донанд ва ба таври самаранок дар амал татбиқ карда тавонанд. Назарияҳои таълимии мазкур аз фан вобаста набуда, раванди таълим гирифтан, малакаву маҳорат ҳосил карданро инъикос мекунанд. Назарияҳои мазкур метавонанд барои ташаккули методологияи фанҳои гуногун замина гузоранд (Дар низоми таълими салоҳиятнокӣ тақсимоти фаннӣ хусусияти нисбӣ дорад. Салоҳиятҳо новобаста аз доираи фанни муайян ташаккул дода мешаванд.).

**2.1.1. Таълими хонандамеҳвар ё таълиме, ки ба ташаккули шахсияти хонанда нигаронида шудааст**

Таълими хонандамеҳвар ё таълиме, ки ба ташаккули шахсияти хонанда нигаронида шудааст тули даҳсолаи охир аз ҷониби лоиҳаҳои гуногун дастгирӣ шуда, омӯзгорони минтақаҳои мухталифи ҷумҳурӣ ба омӯзишҳои он фаро гирифта шудаанд. Аммо то стандартҳои нави таълим, ки дар асоси низоми таълими салоҳиятнокӣ таҳия шудаанд, моҳияти таълими хонандамеҳвар аз ҷониби омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф амиқ фаҳмида намешуд. Чунин муносибати омӯзгорон ва кормандони соҳаро фаҳмидан мумкин аст, зеро барномаҳои пешин азхудкунии маводи зиёди таълимро талаб карда, барои ташаккули малакаву маҳоратҳо вақти хеле маҳдуд ҷудо мекарданд ва омӯзгорон имконияти истифодаи талаботи таълими хонандамеҳварро надоштанд.

Баъзе лоиҳаҳо ақидаи нодурустро оид ба таълими хонандамеҳвар пешкаши омӯзгорон гардонда, ба ин васила татбиқи онро номумкин ва ғайриимкон гардондаанд.

Ақидае мавҷуд аст, ки дар таълими хонандамеҳвар хусусиятҳои фардии хонандагон бояд ба эътибор гирифта шаванд. Мо дар ин ҷо илова карданием, ки на танҳо ба эътибор гирифта шаванд, балки дар раванди таълим ба таври самаранок ва мақсаднок истифода шаванд.

Мақсади асосии таълими хонандамеҳвар ташаккули механизми дар амал татбиқ кардани дониш, малака ва маҳорати худ, диққат додан ба раванди инкишофи шахсӣ, мутобиқ гардидан ба шароитҳои нав ва ношинос, худмуҳофизатӣ, худтарбиятдиҳӣ ва дигар хусусиятҳое, ки барои ташаккули шахсият заруранд, мебошад.

Таълими хонандамеҳвар дар асоси якчанд принсипҳо ба роҳ монда мешавад. Принсипҳои мазкурро ҳангоми банақшагирии раванди таълим ба эътибор гирифта омӯзгорон метавонанд барои ташаккули салоҳиятнокии хонандагон замина гузоранд.

**Қобилият ва таҷрибаи маърифатии хонандагон ба эътибор гирифта мешавад.** Онҳо қобилияти фаҳмида гирифтан ва сарфаҳм рафтанро доранд. Ҳар як хонанда оид ба ин ё он масъала таҷриба/дониши заминавӣ дорад. Ба эътибор гирифтани ин омил ва дар асоси он ташкил намудани ҷараёни таълим маҳаки асосии таълими хонандамеҳварро ташкил медиҳад. Принсипи мазкур тавассути назарияи минтақаҳои инкишоф, ки аз ҷониби Виготский (нигаред ба қисми 2.1.2.) таҳқиқ ва пешниҳод шудааст тақвият дода мешавад.

**Диққати асосӣ** на танҳо ба мазмуни таълим (чиро омӯзонем?), балки **ба раванди таълим** (чӣ тавр меомӯзем?) равона мегардад. Ин принсип дар низоми таълими салоҳиятнокӣ муносибати асосӣ ба таълим маҳсуб меёбад. Барои қонеъ намудани принсипи мазкур дар ҳар лаҳзаи раванди таълим ба хонандагон имконияти таҳлилу баррасӣ ва арзёбии ҷараёни азхудкунии малака фароҳам оварда мешавад.

Вазифаи омӯзгор фароҳам овардани имконият ва фазои мусоид барои азхудкунии малака, ташаккули стратегия ва механизмҳои гуногун инкишофи қобилиятҳои фардии хонанда мебошад.

**Хонандагон бо роҳҳои гуногун меомӯзанд** ва мутаносибан усули гуногуни дарккунӣ доранд. Шахсикунонӣ ва фардикунонии ҷавобҳои хонандагон дастгирӣ карда мешавад. Ҳар як шахс қобилияти мухталифи зеҳнӣ дорад. Ба эътибор гирифтан ва инкишофи ин қобилиятҳо яке аз унсурҳои асосии таълими хонандамеҳвар ба шумор меравад.

**Омӯзиш ҳамчун раванди фаъоли инкишофёбандаест**, ки алоқаҳо (байни фактҳо, ғояҳо, ҷараёнҳои гуногун) мунтазам тағйир меёбанд ва сохтори онҳо ислоҳ мешавад. Чунин алоқаҳо тавассути муколамаи байни омӯзгору хонандагон ва байни хонандагону ҳамсолони онҳо дастгирӣ мешаванд. Хонандагонро ҳамеша барои баён кардани фарзияҳои худ доир ба ҳалли мушкилот ва масъалаҳое, ки онҳо дар болои он кор мекунанд, ҳавасманд мегардонад.

Арзёбӣ дар таълими хонандамеҳвар аз рӯйи характери худ «ташаккулдиҳанда» мегардад. Ин чунин маъно дорад, ки мақсад «чен» кардани кори хонанда набуда, арзёбии фаҳмиш (ва барои фаҳмидан ёрӣ расондан)-и равандҳоест, ки тавассути онҳо хонандагон ҳангоми ҳалли масъалаю мушкилот фикрҳои худро баён мекунанд. Робитаи мутақобилаи созанда ва доимӣ барои бунёди донишҳо нақши муҳим доранд. Хонандагон якҷоя бо омӯзгор кор мебаранд, ки нишондиҳандаҳои муваффақиятро муайян созанд ва малакаҳои худбаҳодиҳӣ ва ҳамдигарбаҳодиҳиро инкишоф диҳанд. Дар бораи масъалаҳои мазкур дар боби арзёбӣ маълумот гирифта метавонед.

Диққати асосӣ ба донишҳои байнифаннӣ дода шуда, ҳавасмандкунии доимии малакаҳои фикрронӣ ва иттилоотии дараҷаи баланд ба роҳ монда мешавад. Асосан ҳалли мушкилот, дастрасӣ, ташкил, таҳлил ва муаррифии донишҳо ва намоиш додани малакаҳо мӯҳтавои асосии мақсади таълимро ташкил медиҳанд. Хонандагон бо омӯзгор якҷоя мақсаду вазифаҳои таълимро дар асоси мушкилоти мавҷуда ва донишҳои қаблии хонандагон муҳокима карда, бо шавқу ҳавас ба таҷрибаи пешина ҳамкорӣ мекунанд.

**Дар таълими хонандамеҳвар омӯзгор ба сифати роҳбалад фаъолият карда**, ба хонандагон барои дастрасӣ ба ахбор ва таҳлили он ёрӣ мерасонад. Ин чунин маъно дорад, ки омӯзгор дар синф камтар кор карда (зеро хонандагон ба ҳалли супоришҳои хубтайёркардаи омӯзгор ҳидоят карда мешаванд ва онро мустақилона, дар ҳамкорӣ бо шарикдарсон ва зери назорати омӯзгор иҷро мекунанд), корҳои зиёди беруназсинфиро барои ба дарс омодагӣ дидану кори хонандагонро арзёбӣ кардан анҷом медиҳад.

**Хонандагон барои гирифтани донишҳои муайян масъуланд**. Онҳо барои донишандӯзӣ кӯшиш мекунанд (савол медиҳанд, барои худ маълумотеро ҷудо мекунанд). Малакаҳои худро дар ҳамкорӣ бо омӯзгор, ҳамсинфон, бо ёрии маълумоти ҷамъовардаи худ аз дигар сарчашмаҳо ба мақсади ҳалли масъала, мушкилот, ташаккул медиҳанд (кӯшиш менамоянд, ки алоқаҳоро барқарор намоянд, ба моҳият сарфаҳм равад, маъниро дарк кунад).

**Омӯзгор бо хонандагон барои муайян кардани стратегияи таълим кор мебарад.** Ба хонандагон имкони бо чанд навъи манбаи ахбор (масалан: китобҳо, интернет, ҳамсинфони дигар) кор кардан фароҳам оварда мешавад, ки дар натиҷа барои ҳалли масъала ва мушкилот ёрӣ мерасонад.

Хонандагон бо манбаъҳои гуногун кор мекунанд (синфхонаҳои хуб таҷҳизонидашуда, китобхонаи мактаб: китобҳо, харитаҳо, ҷадвалҳо, компактдискҳо, интернет ва ғайраҳо). Баъзан хонандагон инфиродӣ кор мекунанд, аммо аксар вақт зарурати дар ҳайати гурӯҳ зери назорати омӯзгор фаъолият кардан ба миён меояд.

### 2.1.2. Минтақаҳои актуалӣ ва наздиктарини инкишоф

Л. С. Виготский масъалаи мувофиқати байни таълим ва ташаккули кӯдаконро таҳқиқ карда, ба хулосае омад, ки ***омӯзиш бояд пештар қадам зада, боиси инкишофи кӯдак гардад***. Чунин фаҳмиши мувофиқати таълим ва инкишофи кӯдак ӯро ба хулосае овард, ки на танҳо ҳолати мавҷудаи инкишоф, балки ***тамоилҳои имконпазири инкишофи ояндаи кӯдак ҳангоми таълим бояд ба назар гирифта шаванд***. Кӯдак ҳамон вақт инкишоф меёбад, ки агар малакаҳои навро фаро гирифта, ба таҷриба ва малакаҳои аллакай азхудкардааш зам намояд. Ин кашфиёт номи «минтақаи наздиктарини инкишоф»-ро гирифт ва ба илмҳои педагогикаю равоншиносии ҷаҳонӣ ворид гашт.[8]

Ҳар як амале, ки кӯдак аз рӯйи ақл ва қобилият иҷро менамояд ба инкишофи ӯ мувофиқат мекунад. Лекин, дар хотир бояд дошт, ки агар ***малакаҳои нав дар асоси малакаҳои аллакай бадастомада ташаккул ёбанд, пас чунин ташаккулёбӣ манфиати бештаре дорад***. Барои тезтар инкишоф ёфтани кӯдак саросема шудан лозим нест, зеро ин амал аксар ба ҷойи ташаккулёбии фаъолияти зеҳнӣ ба вайроншавии кори асаб ва ё «бепарвоии» кӯдакона оварда мерасонад.

Таъсири доимӣ расонидан ба минтақаи наздиктарини инкишофи кӯдак боз як хусусияти муҳими дигарро дорад. ***Муайян кардани минтақаи наздиктарин бе муоширати доимӣ ва ҳамкорӣ бо кӯдак имконнопазир аст***. Омӯзгор бояд бодиққат рафтори шогирдашро мушоҳида кунад, зеро ҳар як кӯдак хусусияти хоси муайян дорад (нигаред ба назарияи гуногунии зеҳн), ки бо такя ба он усули корбариро бо ӯ интихоб намудан мумкин аст.

---

[8] Дастури таълимии «Усулҳои таълим ва омӯзиши ҳамфаъол», Душанбе, 2007


БО ҲАМРОҲИИ
Ман
худам
(МАИ)
ОМӮЗГОР (МНИ)
МИИ
Сентябр
Октябр
Ноябр


БО ҲАМРОҲИИ
Ман худам
(МАИ)
ОМӮЗГОР (МНИ)
МИИ
Декабр
Феврал
Март

### 2.1.3. Назарияи гуногунии зеҳн

Назарияи гуногунии зеҳнро соли 1983 доктор Ҳовард Гарднер профессори Донишгоҳи Гарвард пас аз таҳқиқи сабабҳои ба ин ё он фан майлу рағбат доштани хонандагон пешниҳод намудааст. Доктор Гарднер ҳашт[1] навъи зеҳнро, ки барои ҳудуди (диапазони) васеи имкониятҳои инсонӣ дар хурд ва калонсолон равона шудааст, пешниҳод мекунад. Ҳамаи мо ин навъҳои зеҳнро дорем, аммо баъзеи онҳо суст ва баъзеашон хуб инкишоф ёфтаанд.

Навъҳои гуногуни зеҳн аз назари Ҳовард Гарднер:

| **Навъи зеҳн** | **Тафсир** |
|---|---|
| **Зеҳни шифоҳӣ-забонӣ** | Хондану эҷод кардан ва навиштанро дӯст медорад. Хотираи хуб ва захираи бойи луғавӣ дорад. |
| **Зеҳни мантиқӣ-риёзӣ** | Ҳисоб, ҳал кардани масъала ва ҳар гуна бозиҳои риёзиро дӯст медорад, мафҳумҳои риёзиро хуб мефаҳмад, тафаккури абстрактӣ дорад. |
| **Зеҳни бинойӣ-фазоӣ** | «Шунидан кай бувад монанди дидан», харита, ҳар гуна нақшаю диаграммаҳоро мефаҳмад, тахайюли бой дорад, ба санъат машғул мешавад, месозад, бештар аз расмҳои матн маълумот мегирад. |
| **Зеҳни ҳаракат (моторӣ)** | Варзишро дӯст медорад, бо ҳаракат, ишора (мимика) ва ба рафтори дигарон тақлид мекунад. Ба ҳама чиз даст мерасонад, давидан, паридан ва муҳорибаро дӯст медорад. |
| **Зеҳни мусиқӣ-мавзунӣ** | Мусиқиро хуб ба хотир мегирад. Сози мусиқӣ менавозад. Оҳангшинос ва сарояндаи хуб аст. |
| **Зеҳни байнишахсӣ** | Бо ҳамсолон муошират ва бозӣ карданро дӯст медорад. Вай аслан дилсӯзу ғамхор аст. |
| **Зеҳни дохилишахсӣ** | Вазифаҳоро хуб иҷро мекунад, агар касе ба вай халал нарасонад, худро идора мекунад, ҳиссиёташро дуруст ифода карда, аз ғалатҳояш меомӯзад; дар танҳоӣ кор карданро дӯст медорад. |
| **Зеҳни натуралистӣ (табиӣ)** | Ба табиат ва ҳодисаҳои табиӣ диққат дода, қобилияти фаҳмидани онро дорад, аломат ва хусусиятҳои муҳити атрофро тасниф мекунад. |

Барои дар амал татбиқ кардани назарияи гуногунии зеҳн омӯзгор метавонад ҳангоми таҳияи нақшаи дарс ва супоришу машқҳои гуногун тартиб дода, ба хонандагон пешкаш намояд. Ҳар як хонанда мувофиқи завқ ва қобилияти зеҳнӣ як ё якчанд масъалаи пешниҳодшударо иҷро карда метавонад. Инчунин хонандагон метавонанд вазифаҳои таълимиро дунафарӣ ё дар гурӯҳҳои хурд иҷро намоянд.

Намунаи саволу супоришҳо барои ташаккули малакаҳои хондани хонандагон бо назардошти қобилияти зеҳнии онҳо.

| **Навъҳои зеҳн** | **Фаъолиятҳои таълимии 1** | **Фаъолиятҳои таълимии 1** |
|---|---|---|
| **Зеҳни шифоҳӣ-забонӣ** | Қисмҳои шавқовари матни хондаро бо суханони худ нақл кунед. | Доир ба мавзӯи матн гузориш нависед. |
| **Зеҳни мантиқӣ-риёзӣ** | Ҷадвали замонӣ баргузории воқеаҳои матнро тартиб диҳед. | Нақша ё харитаи маҳал, ҳуҷра ё ҷойи воқеаро дар матн тасвиршударо кашед. |
| **Зеҳни биноӣ-фазоӣ** | Аз рӯйи тасвирҳо, калимаҳо ва мавзӯъҳои матн коллаж тартиб диҳед. | Доир ба матн маълумотномаи хурд тартиб диҳед. Дар он номи матн, муаллиф ва хулосаро нависед. Маълумотномаи навиштаатонро бо расми ба матн мувофиқ тақвият диҳед. |
| **Зеҳни ҳаракат (моторӣ)** | Аз рӯйи матн саҳначае омода намоед ва онро намоиш диҳед. | Қисми матнро нақшофарӣ кунед. Амали симои матнро намоиш диҳед. |
| **Зеҳни мусиқӣ-мавзунӣ (ритмикӣ)** | Сурудҳои гуногунро ба хотир оварда, онҳоро ба қисмҳои гуногуни матн мувофиқ гузоред. | Порчаи матнро интихоб кунед. Онро бо оҳанг хонед. |
| **Зеҳни байнишахсӣ** | Дар гурӯҳ машғул шуда рӯйихати чор қисми муҳими матнро тартиб диҳед. | Бо хонандаи дигаре, ки матнро хондааст мусоҳиба ташкил намоед. Пешакӣ саволҳоро омода намоед. |
| **Зеҳни дохилишахсӣ** | Матн ба шумо чӣ таъсир расонд, нависед. Ба шумо маъқул аст? Чаро? | Худро дар, нақши симоҳо матн тасаввур кунед. Дар чунин шароит ё ҳодиса чӣ гуна рафтор мекардед. |
| **Зеҳни натуралистӣ (табиӣ)** | Расми саҳро/ҳайвонот ё растание, ки дар матн тасвир шудааст, кашед. | Аз рӯзнома ва маҷаллаҳо расмҳоеро интихоб кунед, ки ба мазмуни матн мувофиқанд. Интихобатонро шарҳ диҳед. |

**Машқҳои амалӣ оид ба назарияҳои гуногунии зеҳн**

**1. Таснифоти додашударо бо навъҳои зеҳнии дар поён овардашуда мувофиқа кунед. Дар дохили катакчаҳо рақам гузоред.**

① Варзишро дӯст медорад, ба ҳаракат, мимика ва рафтори дигарон тақлид мекунад. Ба ҳама чиз даст мерасонад, давидан, паридан ва муҳорибаро дӯст медорад.

② Хондану эҷод кардан ва навиштанро дӯст медорад. Хотираи хуб ва захираи бойи луғавӣ дорад.





③ Ба табиат ва ҳодисаҳои табиӣ диққат дода, қобилияти фаҳмидани табиат дорад, аломат ва хусусиятҳои муҳити атрофро тасниф мекунад.

④ Ҳисоб, ҳал кардани масъала ва ҳар гуна бозиҳои риёзиро дӯст медорад, мафҳумҳои риёзиро хуб мефаҳмад, тафаккури абстрактӣ дорад.





⑥ «Шунидан кай бувад монанди дидан», харита, ҳар гуна нақшаю диаграммаҳоро мефаҳмад, тахайюли бой дорад, ба санъат машғул мешавад, месозад, бештар аз расмҳои матн маълумот мегирад.



⑤ Вазифаҳоро хуб иҷро мекунад, агар касе ба вай халал нарасонад, худро идора мекунад, ҳиссиёташро дуруст ифода карда, аз хатоҳояш меомӯзад; дар танҳоӣ кор карданро дӯст медорад.





⑦ Бо ҳамсолон муошират ва бозӣ карданро дӯст медорад. Вай аслан дилсӯзу ғамхор аст.

⑧ Мусиқиро хуб ба хотир мегирад. Сози мусиқӣ менавозад. Оҳангшинос ва сарояндаи хуб аст.



| | | | |
|---|---|---|---|
| | **Зеҳни мусиқӣ – мавзунӣ** | | **Зеҳни шифоҳӣ – забонӣ** |
| | **Зеҳни байнишахсӣ** | | **Зеҳни мантиқӣ – риёзӣ** |
| | **Зеҳни дохилишахсӣ** | | **Зеҳни биноӣ–фазоӣ** |
| | **Зеҳни натуралистӣ (табиӣ)** | | **Зеҳни ҳаракат (моторӣ)** |

2. **Фаъолиятҳои зеринро таҳлил карда, гӯед, ки кадом фаъолият барои кадом навъи зеҳн равона шудааст.**

| **Фаъолият** | **Навъи зеҳн** |
|---|---|
| а) Дар табақ се себ ҳаст. Онро ба се кас тавре тақсим кунед, ки боз як себ дар табақ боқӣ монад. | |
| б) Дар бораи себ шеър гӯед, нақл кунед ё ҳикояи хурд нависед. | |
| в) Навъҳои себро номбар кунед. Дар бораи парвариш ва аҳамияти себ нақл кунед. | |
| г) Ин байтро бо оҳанг замзама кунед:<br>Себаки сурхи сероб<br>Ширин асту хӯрданбоб. | |
| ғ) Расми мева ё дарахти себро дар дафтар тасвир кунед. | |
| д) Ибораи «Як себи ду кафон» чӣ маъно дорад? Ду чизи ба ҳам монанд ё як чизи ду тақсим. | |
| е) Бо ҳаракат ва имову ишора «себ», «себи сурх», «ман себ мечинам», «ин себи ман аст»-ро нишон диҳед. | |
| ё) Бозиеро фикр кунед, ки дар он калимаи себ ё номи себ бошад. | |

3. **Ба мақсади фаро гирифтани зеҳнҳои гуногуни хонандагон ба матни зерин саволу супоришҳо таҳия намоед.**

**Афсона**[9]

Рӯбоҳе ба чоҳе фурӯд омад ва серӣ об нӯшид, вале аз чоҳ баромада натавонист. Бузаке барои обнӯшӣ омад. Вай рӯбоҳро дида, пурсид:

– Ҳамсояҷон, оби чоҳ ширин аст?

Рӯбоҳи маккор гуфт:

– Ман дар умрам чунин оби ширин нахӯрда будам. Барои ҳамин ҳам, чунон ки мебинӣ, аз ин ҷо баромадан намехоҳам. Бузак ҳам ба чоҳ фурӯд омад ва ба серӣ об нӯшид. Хост аз чоҳ барояд, вале натавонист. Рӯбоҳ гуфт:

[9] Ф.Шарифзода, М. Лутфуллоев, Б. Ғаниева, С. Куйбекова. Забони модарӣ. Китоби дарсӣ барои синфи дуюм. Душанбе–2012. Саҳ.31

– Аз об хуб сер шудӣ? Биё, акнун сари ду по рост шав, ман ба боло бароям ва баъд туро ҳам кашида барорам.

Бузи сода сари ду по рост шуд. Рӯбоҳи маккор ба китфи буз баромада, берун ҷасту рафтан гирифт. Бузи бечора зорию тавалло кард: "Ба ман ёрӣ деҳ!" Рӯбоҳ гуфт:

– Эй бузи беақл, пеш аз фуромадан ба чоҳ бояд илоҷи баромаданро фикр мекардӣ. Акнун, чӣ хел ки хоҳӣ, ҳамон тарз баро!

| Навъҳои зеҳн | Фаъолияти 1 | Фаъолияти 2 |
|---|---|---|
| **Зеҳни шифоҳӣ-забонӣ** | | |
| **Зеҳни мантиқӣ-риёзӣ** | | |
| **Зеҳни биноӣ-фазоӣ** | | |
| **Зеҳни ҳаракат (моторӣ)** | | |
| **Зеҳни мусиқӣ-мавзунӣ (ритмикӣ)** | | |
| **Зеҳни байнишахсӣ** | | |
| **Зеҳни дохилишахсӣ** | | |
| **Зеҳни натуралистӣ (табиӣ)** | | |

### 2.1.4. Таксономияи қобилиятҳои маърифатӣ ва таълими салоҳиятнокӣ

Блум Бенҷамин Сэмюэл равоншинос ва педагог, профессори соҳаи педагогика, аз соли 1938 дар Донишгоҳи Чикаго фаъолият кардааст. Яке аз аввалинҳо шуда, системаи нишондиҳандаҳои натиҷаи таълимро таҳия намудааст.

Ба ақидаи Блум вазифаи мақсадҳои асосии таълим ва масъалагузорӣ дар он аст, ки малакаи фикрронии эҷодкорона, ҳал карда тавонистани проблема ва қабул кардани қарорҳои мақсадноки хонандагон ташаккул дода шавад. Ба ақидаи ӯ, агар омӯзгорон нисбат ба фикрронии амиқ ва мураккаби кӯдакон ҳассос бошанд, онро ба низом дароранд, ба ин мақсадҳои асосии таълим ноил шудан мумкин аст. Блум китоби «Таксономияи мақсадҳои таълим» (Ню Йорк, Давид, Маккей, с. 1956)-ро таҳия намуда, дар он тафаккурро ба 6 дараҷаи ташаккули қобилиятҳои маърифатӣ ҷудо мекунад.

**6. Эҷод кардан**
**5. Арзёбӣ кардан**
**4. Таҳлил кардан**
**3. Истифода бурдан**
**2. Фаҳмидан**
**1. Дар хотир гирифтан**

Зинаҳо бо ҳам муносибати қавӣ дошта, яке барои дигарӣ ҳамчун замина хизмат мекунад. Масалан, ба фикри ӯ, агар хонанда масъала (қоида, мафҳум ва ғайра)-ро дар хотир нагирад, онро намефаҳмад. маълум аст, ки хонанда нафаҳмад, ӯ донишро истифода бурда наметавонад. Таҳлилу арзёбӣ ва эҷод низ дар асоси зинаҳои пешина ба роҳ монда мешаванд. Ҳар як зина мақсади дидактикии хос дошта, тавассути амалҳои гуногуни таълим аз худ карда мешавад.

- **Дар хотир гирифтан.** Дар ин зина хонанда маълумоти омӯхтаашро ба хотир мегирад, аз нав ҳосил/барқарор мекунад.
- **Фаҳмидан.** Хонанда мазмуну маънои маълумотро тавассути шарҳу эзоҳ нишон медиҳад.
- **Истифода намудан.** Хонанда маълумот/донишро дар шароиту вазъияти дигар истифода мекунад.
- **Таҳлил кардан.** Хонанда маълумоти омӯхтаашро ба қисмҳо ҷудо мекунад, то онро хубтар фаҳмад.
- **Баҳо додан.** Хонанда дар асоси мулоҳизаҳои амиқ, ҷанбаҳои мусбат ва манфиро муайян намуда, ба хулоса меояд.
- **Эҷод кардан.** Хонанда бо истифода аз чизҳои пештар омӯхтаaш ақидаҳо ва маълумоти нав эҷод мекунад.

Агар бори дигар мафҳуми салоҳиятро ба хотир орем ва онро бо таксономияи қобилиятҳои маърифатӣ муқоиса намоем, пас ба хулосае омада метавонем, ки салоҳият дар худ ҳамаи зинаҳои қобилиятро фаро мегирад.

Дар навбати худ ҳар як зинаи таксономия қобилиятҳои маърифатӣ унсурҳои таркибӣ дорад. Биёед, таркиби ҳар як зинаро дар алоҳидагӣ баррасӣ мекунем.

"**Салоҳият –** маҷмӯи дониш, малака ва маҳоратҳои ба ҳам пайванде, ба ҳалли масъалаҳои мушаххаси ҳаётӣ (иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ) ва маърифатӣ равона карда мешаванд."

**Зинаи 1. Дар хотир гирифтан**

| **Категорияҳо ва равандҳои маърифатӣ** | **Шарҳ** | **Намунаи фаъолиятҳои таълим** | **Намунаи саволу супоришҳо барои арзёбӣ** |
|---|---|---|---|
| Дар хотир гирифтан<br><br>Шинохтан<br><br>Ёдовар шудан | Барқарор кардани дониш аз хотираи дарозмӯҳлат.<br>Омехта кардани дониш аз хотираи дарозмӯҳлат, ки ба маводи пешниҳодшуда мувофиқ аст.<br>Барқарор намудани дониши мувофиқ аз хотираи дарозмӯҳлат. | – Тартиб додани рӯйихати ҳодисаҳои асосии ҳикоя.<br>– Тартиб додани ҷадвали пайдарҳамии воқеаҳои ҳикоя<br>– Дар асоси мазмуни матн нақшаи далелҳоро тартиб додан.<br>– Чизеро, ки аз матн дар хотир мондааст навиштан.<br>– Дар ҳикоя кадом ҳайвонот номбар шудаанд?<br>– Симоҳои матнро номбар кардан. Нақшае тартиб дода, муносибати байни симои матнро нишон додан.<br>– Ҳикояро нақл кунед.<br>– Шеърро аз ёд гӯед. | – Баъд аз ... кадом ҳодиса рух дод?<br>– Дар ... (боғ) чанд ... (дарахти себ) аст?<br>– Бузак чанд фарзанд дошт? Мурғак чанд дона ёфт?<br>– Номи писари калонии Бузак чист?<br>– Кӣ дари Бузакро куфт? Кӣ аз дарёча об овард? Кӣ аз пеши Кӯлоҳсурхак баромад?<br>– Симоҳоро номбар кунед? Дар ҷангал киҳо буданд?<br>– Маънои ... ёбед.<br>– Кӣ бо ... гап зад? ... ба ... чӣ гуфт?<br>– Кадом ақида дуруст ва кадомаш нодуруст аст? |

**Зинаи 2. Фаҳмидан**

| Категорияҳо ва равандҳои маърифатӣ | Шарҳ | Намунаи фаъолиятҳои таълим | Намунаи саволу супоришҳо барои арзёбӣ |
|---|---|---|---|
| Тафсир додан<br>Намуна овардан<br>Тасниф кардан<br>Ҷамъбаст кардан<br>Хулоса баровардан<br>Муқоиса кардан<br>Шарҳ додан | Аз як қолаб ба қолаби дигар тағйир додан<br>Намуна ё мисоли мушаххасро оид ба мавзӯъ, ақида ёфтан.<br>Ба кадом категория (гурӯҳ, дараҷа, навъ) таалуқ доштани чизеро аниқ кардан.<br>Муйян кардани мавзӯъ ё мазмуни асосӣ<br>Баровардани хулосаи мантиқӣ аз ахбори пешниҳодшуда<br>Ошкор намудани мувофиқат байни ду ақида, ашё ва ғайра.<br>Тартиб додани нақшаи сабабу натиҷа. | – Барои нишон додани ҳодиса (воқеа)-и мушаххас расм кашед ё аз маҷалла ва рӯзномаҳо сурати мувофиқро буред.<br>– Мазмуни асосии матнро шарҳ диҳед.<br>– Ба тартиби муайян расми воқеаҳои матнро кашед.<br>– Аз рӯйи мазмун матн саҳнача тартиб диҳад ва онро намоиш диҳед.<br>– Ҳикояро бо суханони худ нақл кунед.<br>– Доир ба чорабинӣ, ҳодиса ё воқеае гузориш (хулоса) нависед.<br>– Барои нишон додани тартиби пайдарҳамии воқеаҳо нақша тартиб диҳед.<br>– Дар асоси мазмуни матн (ахбор) китобчаи рангкунӣ тартиб диҳед. | – Бо суханони худ навишта метавонед?<br>– Чӣ тавр шумо ... шарҳ дода метавонед?<br>– Дар бораи ... гузориши кӯтоҳ навишта метавонед?<br>– Ба фикри шумо боз кадом ҳодиса рух медиҳад? Баъд чӣ мешавад?<br>– Ба фикри шумо кӣ ...?<br>– Фикр (мақсад)-и матн чист?<br>– Ба ... равшанӣ андохта метавонед? Инро пурратар фаҳмонда метавонед?<br>– Шумо ... шарҳ дода метавонед?<br>– Ба фикри шумо ҳама ба монанди ... (симои матн) рафтор карда метавонанд? |

**Зинаи 3. Истифода бурдан**

| **Категорияҳо ва равандҳои маърифатӣ** | **Шарҳ** | **Намунаи фаъолиятҳои таълим** | **Намунаи саволу супоришҳо барои арзёбӣ** |
|---|---|---|---|
| Иҷро кардан<br>Татбиқ кардан | Риояи тартиби иҷрои вазифаи шинос.<br>Риояи тартиби иҷрои вазифаи ношинос. | – Барои нишон додани тартиби кор нақша созед.<br>– Барои шарҳ додани ҳодиса қолаб (диорама) тартиб диҳед.<br>– Дар бораи мавзӯи омӯхташаванда аппликатсия созед.<br>– Барои ифодаи воқеа аз гил, пластилин, коғаз қолаб/суроб созед.<br>– Аз рӯйи маҷмӯи расмҳо ақидаи муайянро шарҳ/нишон диҳед.<br>– Дар доираи мавзӯи таълимӣ муаммо ё бозӣ тартиб диҳед.<br>– Доир ба мавзӯъ барои дигарон китобча созед.<br>– Аз гил ё пластилин қолаб/суроб созед.<br>– Ба мақсади муаррифии ашёе таърифнома/реклама нависед.<br>– Барои муаррифии мавзӯъ газетаи деворӣ таҳия кунед. | – Шумо дар бораи ... ягон мисол оварда метавонед?<br>– Шумо ин ашё (калимаҳо, одамон ва ғайра)-ро мувофиқи хусусияти ... гурӯҳбандӣ карда метавонед?<br>– Агар шумо имконият медоштед, чиро тағйир медодед?<br>– Шумо дар бораи чӣ аз ... (ман, симои матн, муаллиф, гӯянда) пурсидан мехостед?<br>– Дар асоси ахбори азхудкардаатон кадом дастур (тавсияҳоро) оид ба ... пешкаш карда метавонед? |

**Зинаи 4. Таҳлил кардан**

| Категорияҳо ва равандҳои маърифатӣ | Шарҳ | Намунаи фаъолиятҳои таълим | Намунаи саволу супоришҳо барои арзёбӣ |
|---|---|---|---|
| Муайян кардани фарқият<br>Ташкил намудан<br>Нисбат додан | Маводро ба қисмҳои таркиби ҷудо карда, чӣ тавр қисмҳо байни худ ва бо тамоми сохтор ва мақсад алоқамананд муайян кардан.<br>Муайян кардани қисмҳои муҳим ва дуюмдараҷаи маводи пешниҳодшуда<br>Муайян кардани чӣ тавр қисмҳо дар дохили сохтор ҳамдигарро пурра ё фаъолият мекунанд<br>Муайян кардани ақидаҳо, арзишҳо, мақсадҳое, ки аз маводи пешниҳодшуда бармеояд. | – Барои ҷамъ овардани ахбор (маълумот) саволнома таҳия кунед.<br>– Барои ба савдо гузоштани ягон ашё эълон/реклама нависед.<br>– Аз рӯйи мазмуни матн (воқеа, ҳодиса) нақша тартиб диҳед.<br>– Барои шарҳ додани ахбори интихобкардаатон нақша кашед.<br>– Нақша (дарахт)-е кашида муносибати хешутабории оилатонро нишон диҳед.<br>– Доир ба мавзӯи таълимӣ саҳнача таҳия намоед.<br>– Тарҷумаи ҳоли шахси омӯхташавандаро нависед.<br>– Дар бораи мавзӯи таълимӣ ҳисобот (гузориш) омода намоед.<br>– Барои тасдиқи ақидае таҳқиқот гузаронда, ахбори заруриро ҷамъ оваред. | – Кадом ҳодисаро пешгирӣ кардан мумкин буд?<br>– Агар ... воқеъ мешуд, ҳикоя бо чӣ меанҷомид?<br>– ... ба чӣ монанд аст? ... то кадом андоза ба ... монанд аст?<br>– Чаро ... тағйир ёфт?<br>– Шумо шарҳ дода метавонед, ки чӣ сабаби ба вуқуъ пайвастани ин ҳодиса шуд?<br>– Проблема ё масъалаҳои ... кадом аст?<br>– Фарқи байни ... ва ... гуфта метавонед?<br>– Мақсади ... чӣ буд? |

**Зинаи 5. Арзёбӣ кардан**

| Категорияҳо ва равандҳои маърифатӣ | Шарҳ | Намунаи фаъолиятҳои таълим | Намунаи саволу супоришҳо барои арзёбӣ |
|---|---|---|---|
| Санҷидан Интиқод | Дар асоси меъёрҳову нишондиҳандаҳо арзёбӣ кардан (баҳо додан)<br>Муайян намудани ҷанбаҳои мусбат ва манфии гуфтору рафтор ё ягон амал, воқеаю ҳодиса; муайян намудани мувофиқати тартиб (раванд) бо проблемаи/масъалаи додашуда | – Рӯйихати меъёрҳо (нишондиҳандаҳо)-ро барои арзёбии ... таҳия намоед.<br>– Доир ба масъалаи додашуда (ё шавқовар) мубоҳиса ташкил намоед.<br>– Доир ба панҷ қоидае, ки барои шумо муҳим аст китобча тартиб диҳед. Дигаронро ба риояи қоидаҳо даъват кунед.<br>– Дар гурӯҳ масъалаеро/ақидаеро матраҳ кунед ва муаррифӣ намоед.<br>– Доир ба тағйироти зарурӣ ... тавсиянома (мактуб) нависед.<br>– Ҳисоботи нимсола нависед.<br>– Дар бораи ақидаи худ оид ба ... гузориш нависед. | – Барои ҳалли ... роҳҳои беҳтар вуҷуд доранд?<br>– Ба гуфтор (рафтор)-и ... баҳо диҳед. Шумо дар бораи ... чӣ фикр доред?<br>– Шумо мавқеи худро нисбат ба ... муайян карда метавонед?<br>– Ба фикри шумо ... хуб аст ё бад?<br>– Барои беҳтар шудани ... чиро тавсия мекунед?<br>– Шумо ба ... боварӣ доред? Шумо худро чи гуна ҳис мекардед, агар ...?<br>– ... то кадом андоза самаранок аст?<br>– Натиҷаи ... чиҳо буда метавонанд?<br>– ... ба зиндагии мо чӣ таъсир мерасонад?<br>– Камбудӣ ва бартарии ... дар чист?<br>– Роҳҳои дигари ... кадомҳоянд?<br>– Кӣ бурд мекунад ва ки бой медиҳад? |

**Зинаи 6. Эҷод кардан**

| **Категорияҳо ва равандҳои маърифатӣ** | **Шарҳ** | **Намунаи фаъолиятҳои таълим** | **Намунаи саволу супоришҳо барои арзёбӣ** |
|---|---|---|---|
| Дарёфтан<br>Банақшагирӣ<br>Истеҳсол кардан | Қисмҳои парокандаро ҷо ба ҷо гузоштан, унсурҳоро дар қолаб ва сохтори нав тағйир додан<br>Дар асоси нишондиҳандаҳо фарзияҳои дигар (алтернативӣ) пешниҳод намудан.<br>Тархрезии тартиб (раванд) барои иҷрои вазифаҳо.<br>Маҳсулоте ихтироъ кардан (сохтан) | – Ашёи нав созед. Ба он ном гузоред ва дар бораи хусусиятҳои он эълон нависед.<br>– Ҳиссиёти худро дар бораи ... нависед.<br>– Дар бораи ... барномаи телевизионӣ, саҳнача, суруд нависед.<br>– Дар бораи ... муқоваи китоб, рӯзнома ва маҷҷала тархрезӣ намоед.<br>– Ақидаеро пешниҳод ва тақвият диҳед.<br>– Роҳи ҳалли ... муайян кунед. | – Шумо тарҳи ... барои ... тартиб дода метавонед?<br>– Шумо роҳи ҳалли эҳтимолии ... мебинед?<br>– Агар ба шумо ҳама сарчашмаҳо дастрас бошад, он гоҳ шумо бо ... чӣ кор мекардед?<br>– Чаро шумо роҳи худро барои ... интихоб намекунед?<br>– Чӣ мешавад, агар ... ба вуқуъ пайвандад?<br>– Чанд роҳи ... шумо истифода бурда метавонед?<br>– Шумо тарзи нави истифодаи ғайриоддии ... ихтироъ карда метавонед?<br>– Шумо ягон пешниҳоде, ки .... таҳия карда метавонед? |

**Машқҳои амалӣ оид ба таксономияи қобилиятҳои маърифатӣ**

1. **Шарҳҳоро бо зинаҳои қобилияти маърифатӣ мувофиқ гузоред.**

| | | | |
|---|---|---|---|
| 1 | **Дар хотир гирифтан** | **А** | Хонанда бо истифода аз чизҳои пештар омӯхтааш ақидаҳо ва маълумоти нав эҷод мекунад. |
| 2 | **Фаҳмидан** | **Б** | Хонанда маълумот/донишро дар шароиту вазъияти дигар истифода мекунад. |
| 3 | **Истифода намудан** | **В** | Дар ин зина хонанда метавонад маълумоти омӯхтаашро ба хотир орад, аз нав изҳор кунад ва дар хотир нигаҳ дорад. |
| 4 | **Таҳлил кардан** | **Г** | Хонанда мазмуну маънои маълумотро тавассути тафсиркунии маълумот азхуд мекунад |
| 5 | **Арзёбӣ кардан** | **Ғ** | Хонанда маълумоти омӯхтаашро ба қисмҳо ҷудо мекунад то онро хубтар фаҳмад. |
| 6 | **Эҷод кардан** | **Д** | Хонанда дар асоси мулоҳизаҳои амиқ, интиқод ва ташхисот тасмим мегирад. |

**Ҷавоб:**

| | | |
|---|---|---|
| 1 | **Дар хотир гирифтан** | |
| 2 | **Фаҳмидан** | |
| 3 | **Истифода намудан** | |
| 4 | **Таҳлил кардан** | |
| 5 | **Арзёбӣ кардан** | |
| 6 | **Эҷод кардан** | |

2. **Нақшаро таҳлил карда, навъи зеҳн ва зинаи қобилияти маърифатии ҳар як фаъолияти таълимро муайян намоед.**

| **Фаъолияти таълим** | **Дараҷаи қобилиятҳои маърифатӣ** | **Навъи зеҳн** |
|---|---|---|
| Хонандагон дар асоси намунаҳои табрикнома хусусияти онро ба ин ва ё он ҷашн ва рӯзҳои таърихӣ муайян мекунанд. | | |
| Хонандагон фарқи байни табрикномаҳоро вобаста ба идҳо мегӯянд. | | |
| Хонандагон дар асоси намуна вобаста ба иду ҷашн табрикнома менависанд. | | |
| Хонандагон мустақилона ба наздиконашон (падару модар ва ғ.) табрикнома менависанд. | | |
| Хонандагон табрикномаро вобаста ба ид ороиш медиҳанд. | | |
| Хонандагон табрикномаҳои навиштаашонро бо ҳамдигар муҳокима менамоянд. | | |
| Хонандагон табрикномаи тайёркардаашонро муаррифӣ мекунанд. | | |
| Хонандагон табрикнома барои якчанд  ҷашну ид навишта, оро медиҳанд. | | |

3. **Саволҳо ва супоришҳои матнро хонед ва муайян намоед, ки онҳо ба кадом зинаи таксономияи қобилиятҳои маърифати мувофиқанд.**

**Баргҳои кабуд[10]**

Заррина ду қалами сабз дошт. Ҳамида ягон қалами сабз надошт. Ҳамида аз Заррина пурсид:

– Заррина ба ман як қалами сабзатро деҳ. Ҳамида ҷавоб дод:
– Аввал аз модарам пурсам.

Рӯзи дигар ҳарду духтаракон ба мактаб омаданд. Ҳамида аз Заррина пурсид:

– Модарат ба ту иҷозат дод?

Заррина оҳе кашида гуфт:

– Модарам-ку иҷозат дод, аммо бародарамро напурсидам.
– Хайр бародаратро ҳам пурс, - гуфт Ҳамида. Заррина рӯзи дигар ба мактаб омад.
– Бародарат иҷозат дод? - пурсид Ҳамида.
– Бародарам иҷозат дод-ку, аммо метарсам ту қаламамро мешиканӣ.
– Ман онро эҳтиёткорона истифода мебарам, - гуфт Ҳамида.
– Нигоҳ кун, - мегӯяд Заррина, - онро тез накун, сахт зер накун, бо дандонҳоят нахой. Бисёр расм накаш.
– Ман, - мегӯяд Ҳамида, - танҳо баргҳои дарахт ва алафҳоро ранг мекунам.
– Ин хеле зиёд аст, - қошу қавоқаш гиронда мегӯяд Заррина. Рӯяшро ҳам турш мекунад. Ҳамидаи ин ҳолро дида, аз пеши Заррина рафт. Қаламро нагирифт. Заррина ҳайрон шуда, аз паси вай давида:
– Чӣ шуд? Гир!
– Даркор не, - ҷавоб дод Ҳамида. Дар дарс омӯзгор аз ӯ пурсид:
– Ҳамидахон, барои чӣ баргҳои дарахти кашидаат кабуданд?
– Қалами сабз надоштам.
– Барои чӣ аз дугонаат нагирифтӣ? Ҳамида хомӯш истод. Заррина суп-сурх шуда, гуфт:
– Ман ба ӯ қаламро додам, аммо ӯ нагирифт. Омӯзгор ба ҳардуи онҳо нигоҳ карда гуфт: Бояд тарзе қаламро медодӣ, ки гирифтан мумкин бошад.

| № | Савол | Зинаи қобилияти маърифатӣ |
|---|---|---|
| 1. | Заррина чанд қалами сабз дошт? | |
| 2. | Оё Ҳамида қалами сабз дошт? | |
| 3. | Ҳамида аз Заррина чӣ пурсид? | |
| 4. | Заррина барои қалами сабзро ба Ҳамида додан аз киҳо иҷозат | |

[10] Валентина Осеева (мутобиқ гардонида шудааст)

| | | |
|---|---|---|
| | пурсид? | |
| 5. | Ҳамида бо қалами сабз чӣ кор карданӣ буд? | |
| 6. | Заррина барои чӣ қалами сабзро ба Ҳамида доданӣ набуд? | |
| 7. | Чаро Ҳамида қалами сабзи Зарринаро нагирифт? | |
| 8. | Чаро ранги баргҳои дарахтони Ҳамида кабуд буданд? | |
| 9. | Ба фикри Шумо Заррина чӣ тавр бояд қаламро ба Ҳамида медод? | |
| 10. | Ба фикри Шумо ҳодиса дар кадом дарс сурат мегирад? Чӣ хел фаҳмидед? | |
| 11. | Ба фикри Шумо рафтори Заррина хуб аст ё бад? | |
| 12. | Ба Заррина чӣ тавсия медодед? | |

| № | **Супоришҳо** | **Зинаи қобилияти маърифатӣ** |
|---|---|---|
| 1. | Матнро хонед ва симоҳои онро муайян кунед. | |
| 2. | Рафтори Заррина ва Ҳамидаро муқоиса кунед. | |
| 3. | Матнро хонед ва номи онро тағйир диҳед. | |
| 4. | Матнро хонед ва онро нақл кунед. | |
| 5. | Матнро ба қисмҳо ҷудо кунед: Яввал чӣ шуд, баъд чӣ ҳодиса рух дод ... | |
| 6. | Ба шумо матн маъқул шуд? Чаро? Ҷавобро нависед. | |
| 7. | Дар асоси матн саҳнача тартиб дода, онро намоиш диҳед. | |
| 8. | Матнро хонед ва гӯед, ки чаро он “Баргҳои кабуд” ном гирифтааст? | |

**Адабиёт**


**Бо забони тоҷикӣ**

1) Алиев А.Б., Зиёев М. Н., Олимова Ф. К., Эрматова У.С., Зоолишоева Б.Ф., Ниёзов Ф. Такмили маҳорати педагогии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ. Дастури таълим барои курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ. Лоиҳа. Душанбе, 2010.
2) Алиев А.Б., Зиёев М. Н., Зоолишоева Б.Ф., Олимова Ф. К., Эрматова У.С., Мусиқӣ ва ҳаракат. Дастури таълим барои курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ. Лоиҳа. Душанбе, 2009.
3) Лутфуллоев М. Асосҳои таълими ибтидоии забони модарӣ. -Душанбе, 2007.
4) Дастури таълимии «Усулҳои таълим ва омӯзиши ҳамфаъол». -Душанбе, 2007.
5) Ниёзов Ф., Олимова Ф., Зиёев М. Маърифати таълим: ҷустуҷӯ ва бозёфт. Дастур барои худомӯзии омӯзгорони фанни забони тоҷикӣ. - Душанбе, 2012. - 78с
6) Барномаи намунавии курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ. Душанбе, 2012.
7) Зиёев М.Н., Олимова Ф.К., Эрматова У.С., Алиев А.Б., Зоолишоева Б.Ф., Ниёзов Ф. М., Ташкили ҷараён таълим дар синфҳои ибтидоӣ. Дастури таълим барои курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ. Душанбе: 2009.
8) Зиёев М.Н., Олимова Ф.К., Эрматова У.С., Алиев А.Б., Зоолишоева Б.Ф., Таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ. Дастури таълим барои курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ. Душанбе: 2009.

**Бо забони англисӣ**

1) Cecil, Nancy Lee. Strinking a balance: positive practices for early literacy. – Holcomb Hathaway, Inc. USA, 1999.
2) Michael R. Sampson, Roach Van Allen, Mary Beth Sampson. Pathway to literacy: a meaning-centered perspective. – Holt, Rinehart and Winston, Inc. USA, 1991.
3) Darling-Hammond, Linda. Powerful teacher education: lessons from examplary programs. –John Wiley & Sons, Inc. USA, 2006
4) Heilman, Arthur W. Principles and practices of teaching reading. –Prentice-Hall, Inc. USA, 1998
5) Tompkins, Gail E. Literacy for the 21st century: a balanced approach. – 2nd ed. Prentice-Hall, Inc. USA, 2001
6) Irwin, I.W. Teaching reading comprehension processes (2nd ed). Boston: Allyn & Bacon, 1991

**Бо забони русӣ**

1) Мирсеитова С. Обучение как поиск и поиск для обучения: формы и методы развития критического мышления обучающихся. -КазАЧ, 2011
2) Мединцева И. П. Компетентностный подход в образовании / И. П. Мединцева // Педагогическое мастерство: материалы II междунар. науч. конф. (г. Москва, декабрь 2012 г.). — М.: Буки-Веди, 2012.
3) Болотов В.А., Сериков В.В. Компетентностная модель: от идеи к образовательной программе // Педагогика. – 2003. – № 10. – С. 8-14.
4) Зимняя И.А. Ключевые компетентности как результативно-целевая основа компетентностного подхода в образовании. Авторская версия.-М.: Исследовательский центр проблем качества подготовки специалистов, 2004

**Сарчашмаҳои интернет**

1) http://www.ido.rudn.ru/psychology/pedagogical_psychology/8.html

2) http://www.moluch.ru/conf/ped/archive/65/3148/
3) http://pedlib.ru/Books/5/0306/5_0306-1.shtml
4) http://makarenkomuseum.narod.ru/Classics/Komensky/Komensky_Yan_Amos_Velikaya_didakt_izbr.htm
5) http://www.literacy-builders.com/free-resources/156-conventions-of-print-literacy-a-z
6) http://www.readingrockets.org/article/print-awareness-guidelines-instruction
7) http://www.readingrockets.org/article/seven-strategies-teach-students-text-comprehension by C.R. Adler